**ХУЛОСАИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29 августи соли 2025, №88**

Барои сазовор донистани Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 23 майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №58-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна 20.02.1968 таваллуд шуда, соли 1990 Институти тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Калининро (ҳозира Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов) бо ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва спорт (**дипломи МВ-I № 074819**) хатм намудааст.

Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна соли 2018 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Педагогический процесс как основа нравсвенного воспитания на уроках физической культуры средствами таджикских национальных подвижных игр(на материале учащихся 5-7 классов общеобразовательных школ Республики Таджикистан) дар шурои муштараки диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академик Каримова Ирина Холовна ҳимоя намудааст.

Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна солҳои 1990-1991 ба ҳайси омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаби миёнаи №10-и шаҳри Вахдат, солҳои 1991-1992 омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаби миёнаи №190, солҳои 1992-1995 омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонии мактаби миёнаи №12, солҳои 1995-

1998 ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи баскетболи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, солҳои 2008-2020 ба ҳайси мудири кафедраи бозиҳои варзишӣ, мудири кафедраи баскетбол, муовини декани факултети сайёҳии куҳӣ адои вазифа намудааст. Аз соли 2024 инҷониб ба ҳайси муовини ректор оид ба тарбия, идеология ва робита бо ҷомеаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаъолият дорад.

Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна солҳои 2020-2024 дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Кори диссертатсионии Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2020, № 10 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Сафаров Шодӣ Асомуродович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Хоҷаев Қурбон – доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон;

Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Дар тақризи мусбати худ, аз 23 июни соли 2025, протоколи №8/11, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷамила, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳир Абдусамадович, котиби илмии ҷаласаи васеи семинари илмӣғназариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова

Ф. имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии баанҷомрасида буда, дар он дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки маҷмуан онҳоро ҳамчун дастоварди илмӣ, ки аҳаммияти иҷтимоӣ доранд, тавсиф кардан имкон дорад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада метавонанд дар рушди кишвар саҳм гузоранд.

Дар маҷмӯъ, навгонии илмӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Қаландарбекова Б. Х. дар он зоҳир мегардад, ки он масъалаи муҳими тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солимро дар заминаи бозиҳои миллӣ аз дидгоҳи нави дидактикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо ин васила ба рушди илми педагогика ва амалияи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дорои аҳамияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Муҳимтарин аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар таҳкими тарзи ҳаёти солим дар байни насли наврас мебошад, ки дар шароити таъсири манфии расонаҳои интернетӣ ва камҳаракатӣ махсусан аҳамиятнок аст. Истифодаи бозиҳои миллӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ба нигоҳдорӣ, рушд ва тарғиби мероси фарҳангии миллат мусоидат мекунад. Ин ба ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ дар байни ҷавонон кӯмак мерасонад. Тавассути бозиҳои миллӣ хонандагон на танҳо қобилиятҳои ҷисмонии худро такмил медиҳанд, балки малакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили кор дар даста, риояи қоидаҳо, интизом ва масъулиятро низ аз худ мекунанд, ки барои ташаккули шаҳрванди фаъол ва солим дар ҷомеа муҳим аст. Фаъолгардонии хонандагон тавассути варзиш ва бозиҳои миллӣ метавонад онҳоро аз таъсири омилҳои манфии иҷтимоӣ, аз қабили нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва дигар одатҳои бад, дур созад.

Инчунин, қайд шуд, ки Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна довталаби дараҷаи илмӣ 21 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 17 номгӯй

маќолањои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар мањаллањои таќризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Љумњурии Тољикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Қаландарбекова, Б. Х. Соревновательные игры и эстафеты с элементами волейбола на уроках физкультуры / Б. Х. Қаландарбекова // Вестник Таджикского национального университета. – 2010. – № 4(60). – С. 235-238. – ISSN 2074-1847.

[2-М] Қаландарбекова, Б. Х. Таджикские национальные подвижные игры как один из разделов физической культуры в воспитании морально-волевых качеств личности / Б. Х. Қаландарбекова // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 3/3(202). – С. 205-211. – ISSN 2074-1847.

[3-М] Қаландарбекова, Б. Х. Индивидуальная физическая подготовленность средствами таджикских национальных подвыжних игр на уроках физкультуры / Б. Х. Қаландарбекова // Вестник педагогического университета. – 2020. – № 4(4). – С. 151-156. – ISSN 2708-5759.

[4-М] Қаландарбекова, Б. Х. Национальные традиции и ценности культуры-важные факторы в подготовке учащихся к жинзнедетельности / Б. Х. Қаландарбекова // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2021. – № 1(38). – С. 52-57.

[5-М] Сафаров Ш.А., Қаландарбекова Б.Х. Ҷанбаҳои эмпирикии дарси тарбияи ҷисмонӣ дар ҷомеъаи муосир ва истифодаи бозиҳои миллӣ дар раванди таълим // Вестник Академии образования Таджикистана, №4 (48), 2024. – С. 44-49. ISSN 2617-5320.

[6-М] Қаландарбекова Б.Х. Таҳлили бозиҳои миллии тоҷикӣ дар заминаи анъанаҳои педагогикаи халқӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2024, №12, қисми 1. – С. 283-387.

[7-М] Қаландарбекова Б.Х., Сафаров Ш.А., Таснифи функсионалӣ ва дидактикии бозӣ ва мавон дар системаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ. // Қаландарбекова Б.Х. / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ТДУ:37.026, ISSN 2074-1847. №11, қисми 2, 2024. - С. 259-263.

[8-М] Қаландарбекова Б.Х., Сафаров Ш.А. Ҷанбаҳои ассотсиативии риояи қоида дар раванди дарси тарбияи ҷисмонӣ бо истифода аз бозиҳои миллӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №4, (54) 2025. – С. 56-60.

[9-М] Қаландарбекова Б.Х. Ҷанбаҳои назариявии тарбияи хонандагон дар самти тарзи ҳаёти солим бо истифода аз бозиҳои миллӣ. // Қаландарбекова Б.Х. / Паёми Донишгоҳи забонҳо, №4(56), 2024. – С. 336-340. ISSN 2226-9355.

[10-М] Қаландарбекова Б.Х. Практика проведения урока физической культуры с использованием таджикских национальных подвижных игр. // Вестник Таджикского националного университета, 2025, №2. – С. 258-265. ISSN 2074-1847.

[11-М] Қаландарбекова Б.Х. Ақидаҳо оид ба моҳияти варзиш барои ҷомеъаи муосир // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, №3(31, 2024. – С. 45-49.

[12-М] Қаландарбекова Б.Х. Коммуникативные особенности деятельности спортсмена // Вестник Вестник Института развития образования. 2023, №4 (44). – С. 222-228. ISSN 2617-5320.

[13-М] Қаландарбекова Б.Х. Таджикских национальные подвижные игры как один из разделов физической культуры в воспитании морально-волевых качеств личности. // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3/3(202), 2016. - С. 205-211. ISSN 2074-1847.

[14-М] Сафаров Ш.А. Қаландарбекова Б.Х. Тарбияи тарзи ҳаёти солим тавассути анъанаҳои миллӣ. // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, №4 (32) 2024. - С. 86-92 ISSN 2664-5696.

[15-М] Сафаров Ш.А. Қаландарбекова Б.Х. Раванди ташкили бозиҳои миллии тоҷикӣ дар дарси тарбияи ҷисмонӣ ва омилҳои ахлоқии он // Паёми Донишгоҳи забонҳо, №1(57), 2025. – С. 330-334.

[16-М] Сафаров Ш.А. Қаландарбекова Б.Х. Раванди ташаккули бозиҳои миллии тоҷикӣ дар дарси тарбияи ҷисмонӣ ва омилҳои ахлоқии он // Паёми Днишгоҳи забонҳо, №1(57), 2025. – С. 330-334.

[17-М] Қаландарбекова Б.Х. Практика проведения уроков физической культуры с использованием таджикских национальных подвижных игр // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №2, 2025. - С. 329-334. ISSN 2074-1847.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар таҳқиқоти тақризшаванда якчанд норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Гарчанде ки дар муқаддима ва бобҳои диссертатсия ба истифодаи методҳои таҳқиқотӣ, аз қабили таҳлили адабиёт, мушоҳида ва пурсиш ишора шудааст, тафсилоти дақиқ оид ба таҷрибаи педагогӣ, аз ҷумла: гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ, муддати таҷриба, методҳои мушаххаси ченкунӣ ва арзёбии натиҷаҳо, коркарди омории маълумотҳои бадастомада дар матни пешниҳодшуда кам ба назар мерасанд. Мавҷудияти ин маълумотҳо дар диссертатсия дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои амалиро боз ҳам баландтар мебарад. Ҳатто агар ин ҷузъиётҳо дар бобҳои дохилӣ оварда шуда бошанд ҳам, ишораи мухтасар ва возеҳ дар муқаддима ё хулоса метавонист арзиши методологии корро афзун гардонад.

2. Дар унвонии диссертатсия ибораи «консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ» истифода шудааст. Дар ҳоле ки мазмуни диссертатсия ба таҳияи усулҳо ва ҷанбаҳои назариявии истифодаи бозиҳои миллӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ равона шудааст, мушаххасан таъриф ва тавсифи пурраи «консепсия» ҳамчун як системаи муайяни принсипҳо, усулҳо ва шаклҳо дар матни пешниҳодшудаи муқаддима ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

3. Дар баъзе ҷойҳо, баъзе ибораҳо метавонанд дақиқтар ифода ёбанд. Масалан: «Илми муосир ҳанӯз масъалаи тарзи ҳаёти солими хонандагонро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор надодааст» – ин изҳорот метавонад каме муболиғаомез бошад, зеро таҳқиқот дар ин самт вуҷуд доранд, ҳарчанд шояд на ба таври ҳамаҷонибае, ки муаллиф дар назар дорад. Шояд дақиқтар бошад, ки «кам омӯхта шудааст» ё «ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, хусусан дар контексти бозиҳои миллӣ дар Тоҷикистон».

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

Албатта ин эродҳо ба сифати умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намегузоранд ва бештар хусусияти тавсиявӣ доранд, ки ҳадафашон боз ҳам такмил додани матн ва возеҳияти баёни натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

**Хулоса,** диссертатсияи Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзуи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳир Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби

дараҷаи илмӣ Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 2 монография, 13 дастури таълимӣ ва 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 17 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Юнусова Нафисахон Муродовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

2. Мирзозода Раҳмоналӣ - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

3. Бозоров Хушвахт - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 23 майи соли 2025, №58-ИҲ, тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асосноксозии консепсияҳои тарбияи насли солим ва ташаккули тарзи ҳаёти солим тавассути тарбияи ҷисмонӣ ва рушди истифодаи бозиҳои серҳаракти миллӣ дар хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **таҳқиқ карда шуд**;

- раванди ташаккул ва тамоюлоти асосии таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон бо шумули таҷрибаи даврони шуравӣ **таҳқиқ карда шуд**;

- таҳлили мантиқ ва тартиби функсионалии бозиҳои миллӣ **таҳқиқ карда шуд**;

- муайянсозии таносуби падидаи тарзи ҳаёти солим ва бозиҳои миллӣ **арзёбӣ гардид;**

- ҷанбаҳо ва самтҳои сохторӣ ва функсионалии бозиҳои миллӣ дар фаъолияти омӯзгор бо хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун натиҷаи назариявӣ барои татбиқи амалӣ **таҳқиқ карда шуд**;

- камбудиҳои асосии методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва коркарди технологияи ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо **муайян гардиданд;**

- мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ **ошкор ва асоснок карда шудаанд;**

- ҷамъоварии маълумоти объективӣ ва илмӣ дар бораи бозиҳои миллӣ ва исботи алоқамандии онҳо бо раванди ташкили тарзи ҳаёти солим миёни хонандагони синфҳои болоӣ **пешниҳод карда шуданд;**

- ниҳодҳои тарбиявии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси иҷрои функсияи тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун дарси камолоти ҷисмонӣ ва таълимӣ **мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.**

- дараҷаи имконияти истифодаи бозиҳои миллӣ ва муайян кардани унсурҳои асосии тарзи ҳаёти солим дар системаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ **мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- сатҳи таъсири ҷаҳонишавӣ ба бозиҳои миллӣ дар ҷомеаи муосир ва инъикоси ин раванд муайян карда шуда ба рушди минбаъдаи он дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ **мусоидат менамояд;**

- заминаҳои асосии ташаккул ва рушди таҳқиқоти педагогӣ дар асоси шароитҳои мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи илм, маориф, тарбияи ҷисмонӣ ва фарҳанг **мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд;**

- асосҳои ташаккул ва рушди пажӯҳишҳои педагогӣ дар заминаи суннатҳо, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ **омӯхта мешаванд;**

- сабабҳо, омилҳо ва пайомадҳои дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани дастовардҳои бозиҳои миллӣ ва муайян кардани унсурҳои асосии тарзи ҳаёти солим дар системаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ **муайян карда мешаванд;**

- дар заминаи дастовардҳои бозиҳои миллӣ ва муайян кардани унсурҳои асосии тарзи ҳаёти солим дар системаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ, такмил додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби коршиносон **анҷом дода мешаванд;**

– таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои бозиҳои миллӣ дар ҷомеаи муосир **таҳия ва таълиф мегарданд;**

– дар асоси таҳлили ақидаҳои педагогӣ таҳия намудани марҳила ва сохтори раванди тарбияи ҷисмонии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити барномаи таълимии мактабӣ ва беруназмактабӣ **ба роҳ монда мешавад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- дар илми педагогикаи муосир мафҳуми "бозӣ" ҳамчун марҳилаи инкишофи раванди тарбиявӣ дониста мешавад, ки бевосита барои равнақ додани қобилияти ҷисмонӣ, донишҳои иҷтимоӣ ва маънавии субъекти бозӣ **мусоидат менамояд.**

- дар шуроҳои диссертатсионӣ баррасии диссертатсияҳо вобаста ба масъалаи мазкур беш аз пеш беҳтар гардида, риояи талаботи методологӣ ва расмӣ аз ҷониби унвонҷӯён , асосан**, таъмин мегардад;**

- асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмӯи муқаррароти назариявӣ ва амалӣ оиди тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои объективии таҳқиқот дар асоси истифодаи бозиҳои миллӣ дар раванди дарс бо таҳлили омори математикӣ **таъмин мегардад;**

- бори нахуст назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ дар дидактика ворид карда мешавад, ки он хонандагони синфҳои болоиро **фаро мегирад;**

- бори аввал категорияҳои тарзи ҳаёти солим, варзиш ва тарбияи ҷисмониро ҳамчун принципҳои ташкили иштироки васеи хонандагон дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дар сатҳи синфҳои болоӣ **фароҳам меоварад;**

- омузиши ин раванд дар муносибат бо хонандагони синфҳои болоӣ яке аз самтҳои нави таҳлили дидактикиро **фароҳам меоварад;**

- хусусияти ташаккули тарбияи ҷисмонии мактаббачагон бо назардошти истифодаи бозиҳои миллӣ ҳамчун назарияи фаъолияти мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ **таъмин мегардад;**

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки тавсеаи робитаҳои варзишӣ бо кишварҳо, минтақаҳо ва ташкилотҳои мушаххаси байналмилалӣ ва дар ин

замина таҳия намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалии ҳамкорӣ **равона мегардад;**

- барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот **мусоидат менамояд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ташкили мақсадноки технологияи равандҳои китобдорӣ-библиографӣ ва васеъ намудани имкониятҳои қабул ва арзёбии селаи иттилоотӣ-ҳуҷҷатӣ ёрӣ расонида, ба ин васила, ба раванди таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ **мусоидат менамоянд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмӯи муқаррароти назариявӣ ва амалӣ оиди тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои объективии таҳқиқот дар асоси истифодаи бозиҳои миллӣ дар раванди дарс бо таҳлили омори математикӣ **танзим карда мешаванд;**

- дар заминаи дастовардҳои назариявӣ ва амалӣ оиди тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои объективии таҳқиқот дар асоси истифодаи бозиҳои миллӣ аз ҷониби коршиносон **анҷом дода мешаванд;**

- таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои соҳаи варзиш, бозиҳои миллӣ ва бозиҳои серҳаракат дар системаи мактабӣ ва иҷтимоӣ муосир **муҳаё мегардад;**

- **м**уҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаи илмӣ-методӣ, дастур ва ҷузъаҳои алоҳида ба омӯзгорону мутахассисон **дастрас гардонида мешаванд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, АТТ, ПРМ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ **пешниҳод ва муҳокима гардиданд;**

- маводди таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд **мавриди истифода қарор дода мешаванд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмї дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмї-таҳќиќотї таљассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии маводи фактуалӣ барои рисола**, аз он ҷумла коркарди методологияи ҷамъ овардани фактҳо, методи коркарди натиҷаҳо, баҳогузории ба дараҷаи лозимӣ дуруст ва кофӣ будан барои анҷоми корҳо аз болои рисола;

- **чопи кардани мақолаҳои илмӣ** дар нашрияҳои аз тарафи КОА тавсияшуда; мавҷудияти мақолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсияҳои мухталиф;

- **иҷрои корҳоии назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯи мавзуи таҳқиқотии рисола, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда, чорабиниҳои дурнамоӣ, ки барои бештар шудани самаранокии амалкунии он мусоидат мекунанд ва ғайра;

- **омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман бояд таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшаванда бо истифодаи усулҳои замонавии коркард ва шарҳи маълумотро тибқи технологияи компютерӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- **пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ ва муҳокима** ба кафедраи умумидонишгоҳии педагогика.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзидааст.

Дар маҷлис аз 29 августи соли 2025, №88 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна ба дараҷаи илмии доктори

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор دониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 29.08.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.